# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

ба диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи «Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Воқеан, омӯзиш, таҳлилу баррасии осори дорусозии гузаштагон дорои аҳаммияти илмиву амалӣ буда, дар дақиқу равшан намудани паҳлуҳои мухталифи ташаккул ва таҳаввули илму адаб ва таърихи фарҳанги мардуми мо мақому мартабаи хоссаро касб намудаанд.Тавре маълум аст, то ба имрӯз доир ба масоили гуногуни сарчашмаҳои илмии тиббии классикон таҳқиқоти зиёди қобили таваҷҷуҳе сурат гирифта бошад ҳам, вале роҷеъ ба таҳлилу таҳқиқи истилоҳоти дорусозӣ дар асоси сарчашмаҳои илмиву тиббӣ-дорусозии мо пажуҳише дар шакли рисолаи алоҳидаи илмӣ анҷом дода нашудааст. Бо дарназардошти масъалаи мазкур таҳқиқи илмии истилоҳоти соҳаи дорусозӣ аз нигоҳи забоншиносӣ дар ин ришта кори хеле муҳим ва саривақтӣ буда, барои ба вуҷуд овардани забон ва истилоҳоти илмии дорусозии тоҷикӣ заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ба омӯзиш ва таҳлилу баррасии вижагиҳои забонии осори мухталифи тиббиву дорусозии ниёгони мо чи дар замони собиқ шуравӣ ва чи дар замони истиқлол аз ҳама бештар олимону донишмандони тоҷик ва хориҷӣ рӯ овардаанду таҳти пажуҳиш қарор додаанд. Маҳз дар замони истиқлол, ки маводи илмиву таълимии тоҷикӣ дар муассисаҳои тиббиву дорусозӣ ниҳоят кам ба мушоҳида мерасад, аз нав эҳё намудани истилоҳоти дорусозӣ ва ба миён овардани забони илмии дорусозӣ кори хеле муҳим маҳсуб дониста мешавад. Бинобар ин, рисолаи илмии Сафаров Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи "Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорӯсозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ" дар истилоҳсозиву истилоҳофаринӣ, интихоб намудани истилоҳоти соҳавӣ, риояи меъёрҳои истилоҳсозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аҳаммияти назариявӣ ва илмиву амалӣ дорад. Илова бар ин, таҳқиқи назарияҳои навини истилоҳ ва

истилоҳшиносии муосир, таърихи ба вуҷуд омадани низоми истилоҳоти дорусозӣ, заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ аҳаммияти илмии таҳқиқоти фавқуззикрро фаро мегирад.

Мафҳум ва моҳияти диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** мувофиқат мекунад.

То имрӯз дар ин самт корҳое анҷом дода шудаанд, ки хусусиятҳои лексикӣ, адабӣ, таърихӣ, аз рӯйи мансубият ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ гурӯҳбандӣ шудани калимаву ибораҳо ва ҳамчунин хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи калимаву ибороти ин осори ниёгонамон таҳлилу баррасӣ шуда бошанд, дар диссертатсияи мазкур паҳлуҳои забоншиносӣ, маъноӣ, сохторӣ, таснифот ва этимологияи истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Бинобар ин, пажуҳишҳо ва таҳқиқоти муаллифи рисола дар баробари таҳқиқот ва мақолаву рисолаҳои як зумра олимону донишмандони соҳа қарор гирифта, барои ҳаллу фасл намудани масоили мухталифи истилоҳоти илмии дорусозӣ дар забоншиносии тоҷик кумак менамояд.

Тавре аз сарчашмаҳои илмӣ ва осори мавриди таҳқиқ маълум гардид, то имрӯз роҷеъ ба масъалаи истилоҳоти дорусозӣ дар сарчашмаҳои илмии дорусозӣ ва фарҳангномаву луғатномаҳои дорусозии тоҷикиву фаронсавӣ, алалхусус мавқеи истилоҳоти дорусозӣ дар сарчашмаҳои бостонӣ ва муқоисаи онҳо бо маводи луғатномаҳои муосир пажуҳиши алоҳидае дар шакли рисолаи илмии алоҳида рӯйи кор наомадааст. Аз ин рӯ, диссертант Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом масоили истилоҳоти дорусозиро дар марҳилаҳои аввали пайдоиши он то ба имрӯз дар асоси сарчашмаҳои илмии дорусозии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст, ки аҳаммияти илмӣ ва амалиро дар худ доро мебошад. Барои муваффақ шудан ба вазифаву мақсадҳои дарпешгузоштаи худ муаллифи

рисола саъю талош намудааст, ки назарияҳои навини истилоҳшиносиро аз нигоҳи тоза омӯхта, таърихи пайдоиши низоми истилоҳоти дорусозиро баррасӣ намуда, замина, марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти дорусозиро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дақиқу равшан намуда, ҷойгоҳи истилоҳоти дорусозиро дар низоми истилоҳоти илмӣ маълум намояд.

Илова бар ин, муаллифи диссертатсия азму талош варзидааст, ки истилоҳоти дорусозиро аз нигоҳи мансубияти забонӣ, маъноӣ таҳлилу баррасӣ намуда, нақши фарҳангномаҳо ва луғатномаҳоро дар ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти дорусозӣ дақиқу равшан сохта, нақш ва ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии дорусозии забонҳои юнонӣ, лотинӣ, арабӣ, англисӣ, олмонӣ, ҳиндӣ ва дигар забонҳоро дар ташаккули истилоҳоти тиббӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ муайян намояд.

Аҳаммияти таҳқиқи мавзуи рисола дар он аст, ки таҳлилу баррасии истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар заминаи сарчашмаҳои илмии тиббӣ, аз ҷумла истилоҳоти дорусозӣ на танҳо барои ошкор ва муайян намудани ҷойгоҳи истилоҳоти дорусозӣ мусоидат менамояд, балки барои муайян намудани сарчашмаҳо ва манбаъҳои ба миён омадани истилоҳоти тиббии дорусозӣ, роҳу усулҳои мухталифи истилоҳсозӣ дар ин соҳа, меъёрҳо ва риояи интихоби истилоҳоти дорусозӣ дар марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули таърихи истилоҳнигории забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ имкони васеъ фароҳам меорад. Мавриди омӯзиш қарор додани истилоҳоти дорусозӣ дар заминаи сарчашмаҳои илмии дорусозӣ ва луғатномаву фарҳангномаҳои дорусозии мухталиф дар робита бо вижагиҳои маъноӣ, сохторӣ, мансубияти забонӣ ва решашиносии баъзе аз истилоҳот аҳаммияти илмиву муҳим будани таҳқиқи мавзуи мазкурро нишон медиҳад.

Навгонии илмии рисола дар он аст, ки диссертант Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар баробари омӯзиш ва таҳқиқи амики мавзуъ масоили мухталиф ва мубрами истилоҳоти дорусозиро аз нигоҳи назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносии муосир, таърихи пайдоиш ва низоми

истилоҳоти дорусозӣ, заминаҳо ва марҳилаҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, нақши луғатномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии дорусозии юнонӣ, лотинӣ, англисӣ, олмонӣ, русӣ, ҳиндӣ, арабиро дар рушду инкишофи истилоҳоти тиббии дорусозӣ, риоя ва меъёрҳои интихоби истилоҳсозии соҳаи дорусозӣ, роҳу усулҳои асосии истилоҳсозии дорусозиро дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бори нахуст ва ба таври густарда ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Навгонии илмии дигари диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи диссертатсия барои асоснок намудани назари илмии хеш дар робита бо масоили мухталифи шарҳу тавзеҳи истилоҳоти дорусозӣ дар забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ ба таърихи ташаккули истилоҳоти соҳаи мазкур дар фарҳангҳои решашиносии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ ба таври муқоиса таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ пеш аз ҳама дар муайян намудани омӯзиши назарияҳои навини истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, заминаҳо ва марҳилаҳои рушду инкишофи он, нақши истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар бою ғанӣ гардидани забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ маҳсуб дониста мешавад. Ҳамчунин дар ҷараёни таҳлил ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии дорусозии байналхалқӣ дар низоми истилоҳот, муайян намудани роҳу усулҳои пешрафтаи истилоҳсозии соҳаи дорусозӣ муайн карда шуд, ки барои дақиқу равшан намудани қонуну қавоиди истилоҳсозӣ ва истилоҳгузинӣ дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ мусоидат хоҳад кард.

Қобили қайд аст, ки рисола дар баробари аҳаммияти назариявиву илмӣ доштанаш, дорои аҳаммияти амалӣ низ мебошад. Зеро натиҷаҳои пурарзиши рисола, ки ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи амиқ ба даст оварда шуд, метавонад ба ҳайси маводи таълимии дорусозӣ дар донишгоҳҳои тиббӣ ва факултаҳои дорусозӣ барои донишҷӯён таълиму талрис дода шавад. Илова бар ин, истилоҳоти дорусозие, ки ҳангоми таҳқиқ ҷамъоварӣ карда шуд, метавонад дар раванди омодаву таҳия намудани фарҳангномаҳои дузабонаи

тоҷикӣ-фаронсавӣ, фарҳангномаи тафсирии соҳаи дорусозӣ, барои баргузории дарсҳои амалӣ дар ихтисосҳои дорусозии донишгоҳу донишкадаҳо ва омӯзишгоҳҳои тиббиву дорусозии кишвар мавриди истифодаи мутахассисони соҳа қарор гирад.

Нуктаҳои асосӣ ва масоили мубрами илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз қабили пажуҳише роҷеъ ба назарияҳои навини истилоҳшиносӣ, таърихи пайдоиши низоми истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда, саҳми луғатномаҳо ва фарҳангномаҳои дорусозӣ дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ, дақиқу равшан намудани ҷойгоҳи истилоҳоти дорусозии тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар бою ғанӣ сохтани захираи луғавии истилоҳоти дорусозии байналмилалӣ аз нигоҳи илмӣ муҳим ва пурарзиш мебошанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб 12 фаслу 8 зерфасл, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, фаронсавӣ, форсӣ ва ҳамчунин аз чанд луғатномаву фарҳангномаҳои мухталифи дорусозии бо забонҳои гуногун таълифшуда иборат буда, муҳтаво ва мундариҷаи он ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **6 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 4 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳо ва интишороти муаллифи диссертатсия нуктаҳои асосии мавзуъ, натиҷаҳо, муҳтаво ва мазмуни диссертатсияро комилан инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ **ҷавобгӯй мебошанд.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ,** пеш аз ҳама дар ҷамъоварии маводи баррасишаванда, омодаву таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, муайян намудани мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, омӯзиш, ва таҳлилу баррасии масоили асосии мавзуи

таҳқиқ, коркард ва батанзимдарории сарчашмаҳои илмии баррасишаванда зоҳир мегардад.

Бо дарназардошти масъалаҳои фавқуззикр андешаи худро хулоса намуда, иброз менамоям, ки диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом дар мавзуи “Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи навиштани диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ба ҳайси роҳбари илмӣ диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими
забону адабиёти тоҷики факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тӯраҳасанов Қ. Ш.**

28-уми феврали соли 2025.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Восеъ, 172, б.
Телефон: (+992) 918-15-43-10.
E-mail: kodirov556655@gmail.ru

**Имзои Тӯраҳасанов Қодирқулро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj